# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба кори диссертатсионии **Палавонов Амоншо Муминович** дар мавзуи «**Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанхои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии №____**
**Қарори Шурои диссертатионӣ аз 22.11.2024, №18**

дар бораи сазовор донистани Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанхои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)).

Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанхои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2024, №166х/я) аз 27 апрели соли 2024, суратмаҷлиси №12 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Палавонов Амоншо Муминович 15.02.1975 таваллуд шуда, соли 1997 факултети таърих ва филологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоевро бо ихтисоси “Муаллими таърих ва ҷомеашиносӣ” (диплом ЭВ №839179) хатм намудааст.

Мазкур солҳои 1996-2004 дар вазифаи омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқ дар МТМУ №14-и ноҳияи Ванҷ, солҳои 2004-2019 дар МТМУ

№32-и шаҳри Душанбе фаъолият карда, солҳои 2019-2023 ба ҳайси омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе ва аз соли 2023 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, вобаста ба мавзуи диссертатсия 35 мақолаву дастурҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар нашриҳои бонуфузи тақризии КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯй мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, 23 мақола дар дигар нашрияҳо ва 3 дастури таълимӣ-методӣ ба табъ расидаанд.

**Роҳбари илмӣ: Иматзода Лутфия Махмадулло -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
2. **Назарзода Рустам** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсияи **Палавонов Амоншо Муминович** баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** дар тақризи мусбати худ, аз 18 октябри соли 2024, суратҷаласаи №03, ки онро раиси ҷаласа, номзади илмхои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хучанд ба нами академик Бобоҷон Ғафуров" **Вализода Ш.,** эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба нами академик Б. Ғафуров" **Шаропов Ш.А.** ва котиби ҷаласа, муаллимаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи мазкур **Ғаффорова С.** имзо карда, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор **Усмонзода А.И.** тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки “... Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули сифатҳои инноватсионии омӯзгорони ояндаи фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи Стратегияи миллии рушди таҳсилот то давраи соли 2030, ки дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим ба

вуқуъ омаданд, коркард ва пешниҳод шудааст ...” ва диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “**Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси технологияҳои муосири инноватсионӣ**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти умумӣ)) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Палавонов Амоншо Муминович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти умумӣ)) мебошад.

Оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1–М]. **Палавонов А. М.** Таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020. – № 3 (31). – С. 106-111. ISSN 2617-5620.

[2–М]. **Палавонов А. М.** Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Палавонов А. М., Иматзода Л. М. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2021. – № 3 (35). – С. 75- 80. ISSN 2617-5620.

[3–М]. **Палавонов А. М.** Нақши технологияи бозӣ дар дарси таърихи халқи тоҷик. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2022. – № 3 (39). – С. 49-55. ISSN 2617-5620.

[4–М]. **Палавонов А. М.** Роҳ ва усулҳои муосири таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. – Душанбе, 2024. № 2 (35). – С. 105-113. ISSN 2616-5260.

[5–М]. **Палавонов А. М**. Шаклҳои муосири ташкили фаъолияти таълими таърихи халки тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2024. № 2 (30). – С. 139-146. ISSN 2664-5696.

Ба автореферати диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ 4 тақриз шахсони зерин ворид шудааст:

1. **Латифзода Диловар Назришоҳ** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллиии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. Муқарриз эрод гирифтааст:

а) Арзиши илмии автореферат бештар мегардид, агар муҳаққиқ роҳу усулҳои самарабахши кор бо технологияҳои инноватсиониро дар барномаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик пурратару васеътар ва дақиқ нишон медод; б) Новобаста аз возеҳии забони фишурда риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои пунктуатсия ва имло, дар авторефеат хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ мавҷуданд.

2. **Носиров Саъдулло** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чуин эродхо:

а) Дар фишурдаи кор (автореферат) осори олимони ватанӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, методикаи тадриси фанни таърихи халқи тоҷик ба қадри кофӣ таҳлил нагардидааст; б)Дар матни автореферат хатоҳои китобатию имлоӣ ба назар мерасанд.

3. **Хоҷиева Фирӯза Абдулқодировна** – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи педагогика ва мероси ниёгони ДИТ ба номи Имоми Аъзам - Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит. Тақриз мусбат, эрод надорад.

4. **Парпишоев Карам** - номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ. Тақриз мусбат, эрод надорад.

Мукарризони қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Палавонов Амоншо Муминович сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанхои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)) мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси Қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023, аз 14 сентябри соли 2024, №15 тибқи банди 61 Низомнома оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ** роҳ ва усулҳои мусоиди такмили маҳорат ва малакаи омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ **мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст;**

– методҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **муайян карда шудаанд;**

– аз тариқи баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ **исбот карда шудааст,** ки истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷики муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ бартарии худро баръало нишон доданд;

– амсилаи татбиқи роҳу усулҳои инноватсионӣ **пешниҳод шудааст,** ки муҳтавои асосии онро фаъолияти хонандагон ва ташаккули истеъдоди онҳоро дар ҷараёни таълим ташкил медиҳад.

- **собит карда шудааст,** ки усулҳои инноватсионӣ фаъолияти гуногуни хонандагонро инкишоф дода, онҳоро ба фаъолияти илмӣ, тадқиқотӣ ва эҷодӣ ташвиқ намуда, ба ҷаҳонбинии илмӣ таъсири мусбат расонида, дар ташаккули арзишҳои ватандӯстиву инсондӯстии онҳо нақши муҳим мебозанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки натиҷаҳои бадастомада роҳу усулхои муосири ҷорӣ ва татбиқ намудани технологияҳои муосири инноватсиониро дар фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик **ба таври густурда ва дақиқ муайян менамоянд;**

– истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ ба раванди таълим **қувват бахшида,** ҳавасмандии хонандагонро ба фанни таърихи халқи тоҷик **тақвият мебахшад;**

– ҳангоми корбурди технологияҳои муосири инноватсонӣ, усулу воситаҳои наве, ки дар оянда боиси инкишофи маҳорат ва малакаи хонандагон аз фанни таърихи халқи тоҷик мегарданд, **муайян карда шуданд.**

- роҳҳои самараноки истифодаи технологияҳои муосири инноватсонӣ ва усулу воситаҳои нав дар раванди дарсҳои таърихи халқи тоҷик **аз лиҳози илмӣ ва назариявӣ асоснок карда шудааст,** ки малакаву маҳорати хонандагонро сайқал медиҳанд;

- таълими фанни таърихи халқи тоҷик тавассути истифодаи технологияҳои муосири инноватсонӣ **нишон дода шудааст;**

- низоми баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон дар шароити

дохилимуассисавӣ бо назардошти ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ **коркард карда шудаанд.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** дар он аст, ки истифодаи ҳамаҷонибаи намудҳои мухталифи технологияҳои муосири инноватсионӣ тавассути роҳу усулҳои пешқадами педагогӣ дар рафти дарсҳои таърихи халқи тоҷик дарбар мегирад;

- амсилаи татбиқи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар раванди дарсҳои таърихи халқи тоҷик **пешниҳод менамояд,** ки муҳтавои асосии онро фаъолияти хонандагон ва ташаккули истеъдоди онҳо дар ҷараёни таълим ташкил медиҳад ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд аз он ба таври васеъ истифода баранд;

- муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои такмили низоми таълими фанҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ дар шароити муосир дар раванди таҳсилоти асосию миёна ва иловагӣ ва татбиқи минбаъдаи он **замина фароҳам меоранд;**

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи психологию педагогӣ, ташхисӣ, технологӣ ва методие, ки барои таълими фанни таърихи халқи тоҷик заруранд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ **истифода бурда шаванд;**

- маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- хулоса ва тавсияҳои коркардшуда барои самаранок гардонидани раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик **мусоидат менамоянд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимиву тарбиявӣ барои муассисаҳои таълимӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осори психологию педагогӣ, тавассути истифодаи усули муқоисавӣ, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда

шудаанд, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гуруҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор ва омӯзгорони дигар **таъмин карда шудаанд;**

– натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд.**

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар иштироки бевоситаи муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии фарзияи ва муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 22 ноябри соли 2024 қарор қабул кард, ки ба **Палавонов Амоншо Муминович** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (тахсилоти умумӣ)) дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 18 нафар, аз онҳо 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд: тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 18 нафар, муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Мухаметов Г.Б.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Рузиева Л.Т.**

22 ноябри соли 2024